Дар робита ба татбики Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” баргузории ду чорабинии мухими сиёсӣ дар соли 2018 ба накша гирифта шудааст.

22-марти соли 2018 дар ш. Ню Йорк барои чалби чомеаи чахонӣ дар татбики Дахсола чорабинӣ бахшида Огози расмии Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” пешбинӣ шудааст. Бояд кайд кард, ки яке аз мизхои мудаввари чорабинӣ тахти раёсати Чумхурии Точикистон гузаронида мешавад.

Инчунин, баргузории Конференсияи байналмилалии сатхи баланд “Дахсолаи байналмилалии амал: “Об барои рушди устувор, 2018-2028” бошад, рӯзхои 20-22 июни соли 2018 дар ш.Душанбе ба накша гирифта шудааст.

Конференсияи мазкурро Хукумати Чумхурии Точикистон дар хамкорӣ бо Созмони Милали баргузор менамояд.

Хадафхои асосии Конфронс баланд бардоштани огохии саривактӣ ва самарабахши татбики Хадафхои шашуми рушди устувор ва дигар хадафхои вобаста ба об мебошад. Инчунин, мухокимаи кадамхои минбаъдаи татбики Накшаи амалии Дахсолаи байналмилалии амал 2018-2028 дар сатхи чахонӣ, минтакавӣ ва кишварӣ яке аз вазифахои асосии Конфронс ба шумор меравад.

Конфронс хамчунин барои идома ва таквият бахшидани доираи мухокимахои чорабинии сатхи баланд оид ба огози Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028, ки аз чониби Президенти 72-ум Ичлоси МУ СММ (22.03.2018, ш. Ню Йорк) баргузор мегардад, равона шудааст.

Чихати иштирок дар Конференсияи болозикр сарони давлату хукуматхои кишврахои аъзои СММ, ниходхои СММ, рохбарони созмонхои байналмилаливу минтакавӣ, институтхои байналмилалии молиявӣ, доирахои тичоратӣ, ташкилотхои гайридавлатӣ, чомеаи шахрвандӣ, муассисахои илмӣ ва дигар чонибхои манфиатдор даъват шудаанд.

Барномаи Конференсия Дахсолаи об чаласахои пленарӣ, силсилаи чаласахои мавзӯӣ ва интереактивӣ, инчунин намоишгох ва чорабинихои канориро дарбар мегирад.